“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
_____________________Ибодуллозода А.И.
«____» _____________________соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Мирзозода Сулаймон Мадислом дар мавзуи «Захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳо» баро дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 - Ботаника

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи пешниҳодшудаи Мирзозода Сулаймон Мадислом дар мавзуи «Захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника мутобиқат мекунад:

**Банди 1.** Масъалаҳои назариявии пайдоиш ва инкишофи олами набототот, гуногунӣ, таснифот ва номгӯйи гурӯҳҳои гуногуни растаниҳо ва оилаи растаниҳо.

**Банди 4** Масъалаҳои назариявӣ ва амалии паҳншавии географии организми растаниҳо, вижагиҳои паҳншавии муосир ва гузаштаи намудҳои растаниҳо ва наботот, ноҳиябандӣ ва харитакунонии растаниҳо ҳамчун яке аз захираҳои таҷдидшаванда.

**Банди 8.** Роҳҳо ва имкониятҳои истифодаи оқилона, устувор ва тамомнашавандаи истифодаи растаниҳои олами набототи табиӣ.

**Банди 10.** Масъалаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи растаниҳо, пеш аз ҳама, захираҳои набототи табиӣ бо мақсадҳои амалӣ (доруӣ, ғизоӣ, техникӣ, хӯроки чорво, обёрикунӣ, ороишӣ ва ғайра).

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқ.** Дар байни гуногунии биологии олами наботот, растаниҳои шаҳддор аҳаммияти калон доранд ва манбаи ғизои занбӯри асал мебошанд. Ин гурӯҳи растаниҳо манбаи асосии ба даст

овардани маҳсулоти соҳаи асалпарварӣ буда, дар самтҳои гуногуни хоҷагии халқ васеъ истифода мешаванд. Аз ин рӯ, мероси умумиҷаҳонии наслҳои ҳозира ва оянда ба ҳисоб мераванд. Ҳамзамон, таҳқиқоти солҳои охир нишон медиҳанд, ки натиҷаи рушди иқтисодӣ ва истифодаи бенизоми олами наботот ба кам шудани гуногунрангии намудҳои захираи растаниҳои шаҳддиҳанда ба камҳосилии заминаи истеҳсоли асал таъсири калон расонда истодааст. Аз ҷониби муҳаққиқон муайян карда шудааст, ки зиёда аз 60% растаниҳои ҷаҳон аз таъсири антропогенӣ дар хатари нобудшавӣ қарор доранд.

Солҳои охир барои баҳисобгирии захираи растаниҳои шаҳддиҳанда, муайян намудани маҳсулнокии намудҳои худрӯй ва киштшавандаи онҳо диққати калон дода мешавад. Чунин ҳолат ҷиҳати ташкил намудани шароити мусоид ва тараққӣ додани соҳаи занбурпарварӣ таваҷҷуҳи махсусро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, Мирзозода Сулаймон Мадислом ин мавзуи таҳқиқро мубрам дониста, ба масъалаҳои муҳимми ботаника ва экология шуруъ намудааст.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда, ба омӯзиши муқоисавии ҳамаҷонибаи мавҷудияти растаниҳои шаҳддиҳандаи худрӯй ва киштшавандаи минтақа гузаронида шуд, ки татбиқи худро дар соҳаи кишоварзии минтақаи Кӯлоб ва хоҷагиҳои хусусӣ пайдо карданд. Инчунин, омилҳои муҳити беруна ва ботаникию географии минтақа ба популятсияҳои растаниҳои шаҳддиҳанда омӯхта шудааст. Маводҳои бадастовардаи муаллиф, маълумотро оид ба гуногунии растаниҳои фоидаовар пурра мегардонад. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф оид ба ҳосили шаҳди намудҳои алоҳида бо мақсади истифода дар соҳаи занбӯрпарварӣ аҳаммияти амалӣ дорад. Хулосаи кори диссертатсионии Мирзозода Сулаймон Мадислом аз натиҷаҳои таҳқиқи мантиқан бармеояд ва бо далелҳои кофии илмӣ асоснок карда шудааст.

Тавсияҳои доир ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, ки дар диссертатсияи унвонҷӯ дарҷ гардидаанд.

1. Дар заминҳое, ки намудҳои асосии растаниҳои шаҳддиҳандаи минтақа мерӯянд, ба чаронидани чорво роҳ дода нашавад;

2. Роҳ надодан ба ҷамъоварии растаниҳои шаҳддори муҳимтарин, пайгирӣ ва ба назар гирифтани маҳалли сабзиши табиии онҳо;

3. Фаъолгардонии чорабиниҳои таблиғотӣ оид ба баланд бардоштани маърифати экологӣ дар байни аҳолӣ оид ба аҳаммияти экологӣ ва хоҷагидории растаниҳои шаҳддори минтақа;

4. Бо мақсади таъсиси манбаъҳои устувор ва боэътимоди ҷамъоварии шаҳд, зироатҳои муҳимтарини растаниҳои шаҳддор: намудҳои лӯбиёгиҳо, себарга, эспарсет, офтобпараст коштан зарур аст. Бояд азхудкунӣ ва истифодаи заминҳои каммаҳсули мавсимии ноҳияҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳии минтақаро, ки дар он захираҳои зиёди ҷамъоварии шаҳд мавҷуданд, васеъ кард ;

5. Афзоиши микдори оилаҳои занбӯри асал барои гардолудкунии растаниҳои энтомофилӣ ва баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсоли асали тиҷоратӣ бояд бо назардошти натиҷаҳои кор дар бораи таркиби захираи растаниҳои шаҳддори минтақа амалӣ карда шавад;

6. Бо мақсади зиёд намудани ҳаҷми истифодаи иқтидори захиравии растаниҳои шаҳддор ва таъмини гардолудкунии дурусти зироатҳои кишоварзии энтомофилии минтақа барномаи рушди соҳаи занбӯрпарварии минтақаи Кӯлобро дар асоси захираҳои биологии растаниҳои шаҳддор, аз рӯйи намуди мавзеъҳои шаҳддиҳанда, аҳаммияти минтақаҳо аз нуқтаи назари соҳаи занбӯриасалпарварӣ, таҳия кардан лозим аст.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Бори аввал омӯзиши ҳамаҷонибаи таркиби намуд ва таҳлили экологию биологии растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб гузаронида шуд;

- Дар натиҷаи таҳқиқ бори аввал мавҷудияти 88 намуди растаниҳои шаҳддор муқаррар карда шудааст, ки мансуби 69 авлод ва 24 оила мебошад;

- Дар натиҷаи мониторинг, маълумоти нави илмӣ оид ба растаниҳои шаҳддори табиӣ ва киштшавандаи минтақаи Кӯлоб, хусусиятҳои паҳншавӣ ва захираи биологию экологии онҳо, инчунин мақсаднок истифода бурдан дар амалия бо асоснокӣ ба даст оварда шуд.

- Ноҳиябандии ботаникии растаниҳои шаҳддиҳандаи минтақа гузаронида шуд;

- Аввалин маротиба методи самаранок истифода бурдани захираҳои растаниҳои шаҳддиҳанда дар минтақаи Кӯлоб таҳия карда шуда, тавсияҳои амалӣ пешниҳод гардиданд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқ.** Омӯзиши муқоисавии ҳамаҷонибаи мавҷудияти растаниҳои шаҳддиҳандаи худрӯй ва киштшавандаи минтақа гузаронида шуд, ки татбиқи худро дар соҳаи кишоварзии минтақаи Кӯлоб ва хоҷагиҳои хусусӣ пайдо карданд. Инчунин, омилҳои муҳити беруна ва ботаникию географии минтақа ба популятсияҳои растаниҳои шаҳддиҳанда омӯхта шудааст. Маводҳои бадастовардаи муаллиф, маълумотро оид ба гуногунии растаниҳои фоидаовар пурра мегардонад. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф оид ба ҳосили шаҳди намудҳои алоҳида бо мақсади истифода дар соҳаи занбӯрпарварӣ аҳаммияти амалӣ дорад. Консепсияи методологӣ оид ба истифодаи маҷмуи иқтидори растаниҳои шаҳддиҳандаи худрӯй ва киштшаванда тартиб дода шудааст.

Маводи кори диссертатсионӣ дар хоҷагиҳои занбӯрпарварӣ ва дар раванди таълим ҳангоми гузаронидани корҳои амалӣ дар доираи курсҳои «Рушди устувор» дар факултети химия ва биология, иқтисод ва идора, ҳангоми иҷрои корҳои илмии донишҷӯён, магистрантон, докторантон ва ҳайати омӯзгорону профессорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллои Рӯдакӣ истифода бурда мешаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Эътимоднокии кор дар он аст, ки натиҷаҳои таҳқиқ дар асоси усулҳои муосир ва таҳлили флораи растаниҳои шаҳддиҳандаи маҳал бо истифода аз усулҳои таҳлили оморӣ гузаронида шуда ба даст оварда шуданд. Аз ин рӯ, натиҷаҳои пешниҳодкардаи Мирзозода Сулаймон Мадислом дуруст ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Муқаррароти асосии дар рисола зикршуда аз ҷониби муаллиф мустақилона таҳия шудааст. Таҳлили рӯйхати адабиёт, ҷамъоварӣ, коркард ва натиҷаҳои ба дастомадаро ҷамъбаст намуда, қитъаҳои таҳқиқотиро шахсан бо маслиҳати роҳбари илмӣ интихоб намуда, корҳои илмӣ-амалӣ, таҳқиқоти саҳроӣ, маълумоти таҷрибавии бадастовардаро коркарди оморӣ намуда, арзёбии натиҷаҳои таҳқиқоте, ки дар нашрияҳо инъикос гардидааст, шахсан аз ҷониби довталаб гузаронида шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар 11 мақолаи илмӣ дарҷ гардидааст ва 3-тои онҳо дар нашрияҳои такризшавандаи илмӣ, ки аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода мешавад, ба табъ расидаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.**

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия;** Диссертатсия дар 149 саҳифаи матни компютерӣ пешниҳод шуда, аз муқаддима, 5 боб, 11 зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Дар диссертатсия 22 ҷадвал ва 24 расм тасвир шудааст. Феҳристи адабиёти истифодашуда 158 номгӯйро дар бар мегирад.

**Дар муқаддима** аҳаммияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардида, объекту мавзуи таҳқиқ, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назариявию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти амалӣ муайян карда шудаанд.

**Дар боби аввал** ҳолати омӯзиши захираҳои растаниҳои шаҳддиҳанда дар асоси таҳлили адабиёти олимони гуногуни соҳа, маълумот оиди гуногунии биологии растаниҳои шаҳддор ва аҳаммияти экологию иқтисодии онҳо, таърихи омӯзиши растаниҳои шаҳддор худрӯй ва киштшавандаи минтақаи Кӯлоб таснифоти баъзе растаниҳо оварда шудааст

**Дар боби дуюми** диссертатсия шароитҳо, объектҳо ва усулҳои таҳқиқот, хусусиятҳои шароити табиии минтақаи таҳқиқотӣ, тавсифоти объектҳо ва усулҳои таҳқиқот нишон дода шудааст.

**Дар боби сеюми** диссертатсия таҳлили таркибии намуди растаниҳои шаҳддор, захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, номгӯи растаниҳои шаҳддор ва шароити мутобиқшавии онҳо ба ин минтақа маълумот дода шудааст.

**Боби чоруми диссертатсия** ба масъалаи муҳофизат ва оқилона истифода бурдани захираҳои растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, омилҳои таъмини истифодаи устувори захираҳои растаниҳои шаҳддор барои таъмини амнияти озуқаворӣ, дурнамои истифодабарии генофонди растаниҳои шаҳддори минтақа маълумот дода шудааст.

**Дар боби панҷум** натиҷаҳои асосии диссертатсия оварда шуда, хулосабарорӣ карда шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи пешниҳодгардидаи Мирзозода Сулаймон Мадислом дар мавзуи "Захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳо", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ , ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267(бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб - Мирзозода Сулаймон Мадислом ба ихтисоси илмии

дархостшаванда 6D060718 – Ботаника мувофиқат мекунад.Таҳқиқи диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки муаллиф дар рафти таҳқиқоташ вазифаҳои дар назди худ гузоштаро иҷро намудааст.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар баробари комёбиҳою муваффақиятҳо дар диссертатсияи Мирзозода Сулаймон Мадислом баъзе камбудию норасогиҳо низ дида мешаванд, аз ҷумла:

1. Таҳқиқ дар заминҳои табиӣ, лалмӣ ва обии минтақаҳои н. Муъминобод, н. Ховалинг, ш. Кӯлоб ва н. Восеъ гузаронида шудааст. Ба ақидаи мо агар чунин таҳқиқ дар минтақаҳои дигар низ гузаронида мешуд ба манфиати кор мебуд.

2. Дар диссертатсия аз таҳқиқоти олимони ватани кам истифода шудааст.

3. Бисёре аз номи растаниҳо ба номи тоҷики навишта шудаанд, лекин номҳои лотиниашон навишта нашудаанд. Хуб мешуд, агар номҳои лотинии растаниҳо низ дар баробари номҳои тоҷикӣ оварда мешуданд.

4. Дар матни диссертатсия баъзе хатогиҳои ҷузъии имлоӣ, техникӣ ва услубӣ ба назар мерасанд, ки ҳангоми таҳрири ниҳоии рисола ислоҳ намудани онҳо мувофиқи мақсад мебошад.

Камбудиҳои пешниҳодгардида хусусиятҳои ҷузъи дошта, арзиши илмии диссертатсияро паст намекунанд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника таҳия гардида, мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтааст.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Мирзозода Сулаймон Мадислом дар мавзуи «Захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76 – 79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои биологӣ, мудири кафедраи ботаникаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Бобозода Илҳомҷон Абдушукур омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи ботаникаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №11 аз 23-юми июни соли 2026).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 13 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 13 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои биологӣ, дотсенти
кафедраи ботаникаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Ғайратзода М.Х.

**Эксперт:**
доктори илмҳои биологӣ, дотсенти кафедраи
ботаникаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Бобозода И.А.

**Котиби илмии ҷаласа:** — Ҷумъабой З.

Имзоҳои М.Х. Ғайратзода, И.А. Бобозода
ва Ҷумъабой З.- ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Қодирзода С.

Суроғаи муассисаи пешбар: Индекс 734003,
Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
хиёбони Рудакӣ 121. Тел./Fax/: (+992 37) 2241383.
E-mail: info@tgpu.tj; сомонаи расмӣ www.tgpu.tj
"15" 07 соли 2026.